***ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ***

***ба диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салчуқиён (нимаи дуюми асри Х1 ва аввали асри Х11)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2025. – 392 с.***

Омӯзиш, баррасӣ ва ба хонанда пешниҳод намудани мероси адабии чеҳраҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, аз муҳаққиқ заҳмати зиёдеро тақозо дошта, эшонро водор мекунад, ки дар баробари таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ин ё он адиб, оид ба муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии он низ аз сарчашмаҳо маълумот гирд оварда, ба он баҳои воқеӣ дода тавонад. Аз ҳамин дидгоҳ омӯзиши авзои сиёсӣ ва иҷтимоии замони шоир бо таваҷҷуҳ ба таъсири онҳо ба вазъи илму адаб, вижагиҳои фарҳангӣ ва муҳити адабии аҳди Салҷуқиён, аҳволу осор, умуман, рӯзгор, осор ва қаламрави шоирии Амир Муиззии Нишопурӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб мешавад.

Адабиёти нимаи дуюми асри Х1 ва аввали асри ХП аз давраҳои пурғановати таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб ёфта, бо вуҷуди вазъи ноороми сиёсӣ ва ҷангу ҷидолҳои дохилисулолавӣ ва берунии Салҷуқиён дар ин марҳилаҳои муҳимми таърихӣ дар адабиёт ва батадриҷ тағйирот ва таҳаввулоти зиёде вориди шеър гардид. Сабку услуби қасидапардозӣ ва тарзи баёни мақсуд ба худ сурати дигар гирифт”. Намунаҳои барҷастаи чунин таҳаввулотро дар мисоли ашъори Абулфараҷи Рунӣ, Муиззӣ, Имодӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Амъақи Бухороӣ, Рашиди Ватвот, Анварӣ, Хоқонӣ ва дигарон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Омӯзишу пажӯҳиши зиндагиномаю фаъолияти эҷодӣ ва таъйини нақши чунин чеҳраҳои адабӣ дар рушду такомули шеъри тоҷикӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Ба ин мавзуъ ва масъала рабт доштани диссертатсияи Ҳайдаров Фаррух худ аҳаммияти кори таҳқиқии ӯро бозгӯ менамояд.

Агар ба пешинаи таҳқиқи мавзуъ мутаваҷҷеҳ шавем, маълум мегардад, ки то ин замон муҳаққиқони адабиёти тоҷик асосан зимни таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт ва баррасии равандҳои ташаккулу таҳаввули шеър, бахусус қасида ба осори адабии Муиззӣ ишораҳо карда, мутаассифона, масоили марбут ба рӯзгору осори адиб, анъанаю навоварӣ ва вежагиҳои ғоявию бадеии ашъори иҷтимоии шоир бевосита баррасӣ нагардидааст. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъалаҳо ***аҳаммияти махсуси илмӣ*** дорад. Диссертант барҳақ қайд намудааст, ки

«муаллиф дар баробари таҳқиқи хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ ба вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён, шеваҳои намоиши қудрат дар он замон ва истифодаи орояҳои адабӣ аз ҷониби Амир Муиззӣ бо риояи асосҳои назарии таҳқиқоти ҷадид муносибат кардааст » (диссертатсия, с. 25).

Дар чанд банди ***шиноснюмаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик*** пажуҳиши нукоте тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори шоирон ва масоили марбут ба мавзую муҳтаво, забону сабки баён, анъанаю нововарӣ ва мухтассоти ғоявию бадеии ашъори онҳо иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии шиносномаи ихтисоси илмии ***6D020501 – Адабиёти тоҷик*** комилан ***мувофиқат менамояд.***

***Навгонии илмии диссертатсияи*** Ҳайдаров Фаррух Наботович дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст бо диди тоза, дар асоси сарчашмаҳои дақиқ ва нисбатан комил рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ ҳадафи омӯзиш қарор дода шудааст, ҳамчунин, ба масоили осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ, таҳқиқ ва нашри девони Амир Муиззӣ, хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар рисолаи мавриди назар таҳқиқи ашъори Амир Муиззӣ аз нигоҳи мавзую муҳтаво, анъанаю нововарӣ, хусусиятҳои сохторию бадеӣ ба таври густарда анҷом ёфтааст.

***Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ*** бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии докторӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, ***хулоса ва тавсияҳои*** боэътимод баровaрда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба дигар самтҳои фаъолияти эҷодии Амир Муиззиро дуруст муайян намояд.

***Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад***, ки масъалаҳои назарии дар диссертатсия матраҳгардида, баҳсу мунозараи густардаи қисматҳои таркибии бобу фаслҳо, натиҷагирӣ аз мабоҳиси аслию фаръӣ равишҳои назарии илми адабиётшиносии муосири тоҷикро дар таҳқиқи минбаъдаи дигар масоили таҳқиқталаби эҷодиёти Амир Муиззӣ дар иртибот ба муҳити адабии замони Салҷуқиён, хусусиятҳои жанрию муҳтавоӣ, вижагиҳои ҳунарии осори манзуму мансури он замон, масъалаҳои сабк ва назари бадеию ҳунарӣ тавсеа дода, дар такомули таҳқиқ роҷеъ ба осори бадеӣ

дар коргоҳи адабию маърифатии шоирони ҳамзамони Муиззӣ саҳми муносиб хоҳад гузошт, баррасии масъалаҳои марбут ба қасида ва анвои он ба унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Ҳайдаров Фахриддин барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, ***нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро*** дар 20 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору ҳунари шоирии Амир Муиззӣ ва таъини нақши ӯ дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули шеъри тоҷикии давраи Салчуқӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 4 боб,. 9 фасл, 18 зерфасл хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

***Боби якуми*** диссертатсия – ***«Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ»*** аз се фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввали боби якум, ки ***«Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ»*** ном гирифтааст, бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, манобеъи илмӣ, маъхазҳо ва ғайра ба хулосае омадааст, ки зиндагӣ ва фаъолияти шоирии Муиззӣ ба замони салтанати Салчуқиён (с.1048-1125) рост омада, онҳо аз таъриху тамаддуни ориёӣ сахт бархурдор буданд. Дар баробари ин аҳди мазкур ба сифати яке аз давраҳои муҳимми рушди адабиёти дарборӣ, бавижа шеъри форсӣ, дар мисоли жанри маъмули он-қасида шинохта шудааст. Дар ***фаслҳои дуюму сеюм*** авзои илмию адабии замон ва муҳити адабӣ дар замони Салчуқиён мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз муҳтавои ин зерфаслҳо бармеояд, ки бо вуҷуди вазъи ноороми сиёсӣ ва ҷангу ҷидолҳои дохилӣ ва берунии Салчуқиён илму фарҳанг дар Хуросон то андозае рушду нумуъ кардааст. Сулолаи Оли Салчуқ дар сохтани масҷиду мадраса, хонақоҳҳо саҳми муносиб гузоштаанд, ки дар он мадорис дар баробари улуми шаръия, аз ҷумла, фиқҳ, тафсиру ҳадис, наҳву сарфи забони арабӣ ва луғату адаб илмҳои кимиё, ҷуғрофия, тиб, нуҷум, таърихшиносӣ, фалсафа, улуми адабӣ ва дигар донишҳо инкишоф ёфтаанд. Риёзидон ва мунаҷҷимони номӣ

Умари Хайёми Нишопурӣ, Абдурраҳмони Хозинӣ,Қаттони Марвазӣ, Масъуди Ғазнавӣ, дар илми тиб Саид Исмоили Ҷурҷонӣ, дар илми таъриху таърихнигорӣ Хоҷа имом Заҳириддини Нишопурӣ, Абулҳасани Байҳақӣ, Муҳаммад Заҳирии Самарқандӣ, дар илмҳои адабӣ ва забонӣ Абдулқодири Ҷурҷонӣ, Замахшарӣ, таълифоти асарҳои илмӣ оид ба улуми адабӣ аз тарафи Муҳаммади Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва дигарҳо ба камол расида, бо асарҳои илмии худ машҳур гардидаанд.

Диссертант доир ба муҳити адабии замон андешаҳо баён намуда, ба хулосае расидааст, ки "Дар замони Салҷуқиён доираи истифодаву нуфузи забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ тавсеа ёфт ва дар Ироқу Озарбойҷон суханвароне, ба монанди Низомии Ганҷавӣ, Фалакии Шарвонӣ, Хоқонии Шарвонӣ ва бисёр дигарон ба зуҳур расиданд, ки забони порсиро ривоҷу равнақ доданд. Саҳми ин шоирон дар густариши ҳавзаи ҷуғрофиёии нуфузи забону адабиёт ва шеъри порсӣ муҳим арзёбӣ мешавад" (Диссерт. Саҳ.71).

Довталаби дараҷаи илмӣ дар ***боби дуюми*** диссертатсия, ки ***«Рӯзгор ва осори Муиззӣ»*** унвон дорад, ба пажӯҳиши дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ, шарҳои ҳоли шоир, осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ пардохта, кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои дар ин фасл тарҳрезишударо дар понздаҳ зерфасл баррасӣ намояд. ***Дар фасли дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ*** ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ, инчунин баррасии маълумоти адабиёти илмии мавҷуд таҳқиқ гардида, диссертант кӯшидааст, ки нақши сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ, амсоли "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашидаддини Ватвот, "Ағроз-ус-сиёсат фӣ аъроз-ир-риёсат»-и Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан Заҳирии Самарқандӣ, «Калила ва Димна»- Абулмаолии Насруллоҳ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорой, Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар «Ал-Муъҷам фӣ маъойири-л-ашъори-л-Аҷам», Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон ар-Ровандӣ дар «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур дар таърихи Оли Салҷуқ», Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар «Ҷомеъ-ут-таворих», Ҳамдулло Муставфии Қазвинӣ дар китоби «Таърихи гузида», дар асари Амин Аҳмади Розӣ «Ҳафт иқлим» ва амсоли инҳоро, ки ба ин ё он муносибате доир ба Муиззӣ сухан рафтааст, ба хонанда муаррифӣ намояд.

Диссертант ҳамчунин дар зерфасли ***"Баррасии маълумоти адабиёти илмии мавҷуд"*** таҳқиқи рӯзгор ва осори Муиззиро дар замони муосир ба риштаи таҳқиқ гирифта, зикр мекунад, ки дар адабиётшиносии Ғарб ба рӯзгор ва осори Муиззӣ пеш аз ҳама А. Шпренгер шуруъ кардааст. Минбаъд Ҳ.Эте, Э. Браун, А.Ҷ.Арберӣ, Р. Фрай, Ян Рипка, Г.Тетли, Е.

Бертелс, З. Саҷҷодӣ, М.Л. Рейснер,А. Тамимдорӣ, Ардашникова Н, Е.О. Акимушкина, С.Айнӣ, Б. Ғафуров, Р.Ҳодизода, Т Неъматзода, А. Абдуллоев, Х. Мирзозода, Ш.Ғаффоров, Б. Мақсудов, Ш.Исрофилниё ва дигарон мулоҳизаву мушоҳидаҳо оид ба Муиззӣ ва эҷодиёти ӯ баён кардаанд.

Ҳайдаров Фахриддин дар ***фасли дуюм***, яъне ***«Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ»,*** ки аз панҷ зерфасл фароҳам омадааст, масъалаҳои валодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонии шоир, ҳузури шоир дар дарбор, фарҷоми рӯзгори шоир, ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ ва робитаи ҳамзамонон бо Муиззиро дар бар гирифтааст, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар ин зерфаслҳо муаллифи дисссертатсия кӯшидааст, ки дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ва адабиёти илмии мавҷуд кӯшиш ба харҷ додааст, ки ному кунят ва лақабу нисбаи Муиззиро мушаххас намуда, онро Амирушшуаро Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдумалик Муизии Нишопурӣ ба қалам медиҳад. Диссертант дар зерфаслҳои **“Ҳузури шоир дар дарбор” ва “Фарҷоми рӯзгори шоир”** чун фаслҳои пешин андешаҳои муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқонро гирдоварӣ намуда, дар дарбори Маликшоҳ ва Султон Санҷар ибни Маликшоҳ ба мартабаҳои баланд расидани шоирро зикр намуда, қайд кардааст, ки “адиб на танҳо дар маснади азизи шоҳ буда, дар тахт паҳлуи шоҳ менишастааст, балки, зиёда аз ин ҳама, Амир Муиззӣ падархонди Султон Санҷар низ будааст” (Дисс. саҳ.159) ва ҳамчунин ба хулосае омадааст, ки аз “масъалаи фарҷоми зиндагии Амир Муиззӣ бармеояд, ки асари захми тири пайкон дар ҷисми шоир боқӣ буд ва билохир аз захми он ҷароҳат дар солҳои 1126 - 1127 вафот кардааст” (Дисс.саҳ. 174-175).

Ҷалолоиддин Балхӣ ба воситаи образи шоирона ба масъалаи ёриву ҳамкорӣ таваққуф карда, бе мадади каси дигар ва чизи дигар касе ва чизе шуда натавонистани ҳеҷ касу ҳеҷ чизро рехтаву матин ифода намуда буд:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.

Ба ҳами маънӣ дар зерфаслҳои “***Ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ»*** ва ***“Робитаи ҳамзамонон бо Муиззӣ”*** масъалаҳои таъсирпазирии Муиззӣ аз пешгузаштагони хеш, аз қабили Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ, ки дар ташаккули маҳорати эҷодӣ ва қареҳаи шоирии Амир Муиззӣ накши муассир гузоштаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар баробари ин зикр бояд намуд, ки «Муиззӣ ба сифати шоири тавоно ва соҳиби мақоми амирушшуаровӣ дар дарбор ҳанӯз дар ҷараёни рӯзгори худ мавриди таваҷҷуҳи шоирони муҳити адабии Салҷуқиён қарор гирифтааст. Баъд аз маргаш низ мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб қарор гирифтани шоир ба он далолат мекунад, ки ӯ ғайр аз мақоми дарборӣ ба сифати шоири тавоно ҳам шинохта мешудааст” (Дисс.саҳ.211).

***Фасли сеюми*** боби дуюм тахти унвони ***«Осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ»*** манзур гардида, аз зерфаслҳои таркиби жанрии нусхаҳои чопии девони шоир, мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир, анвои адабии таркиби девони шоир ва мухтассоти онҳо-қасидаҳои Амир Муиззӣ ва масъалаи ворисият, рубоиёт, ғазалиёт, муқаттаот ва анвоҳои дигари адабӣ иборат мебошад. Диссертант дар зерфасли аввал панҷ нусхаи девони шоирро, ки аз ҷониби Аббос Иқболи Оштиёнӣ (1940), Носири Ҳирӣ (1983), Абдулкарим Ҷарбазадор (2010) ва Муҳаммад Ризо Қанбарӣ бар асоси нусхаи мусаҳҳеҳи Иқболи Оштиёнӣ дар соли 2006 ва бори дувум бидуни тағйиру иловаҳо дар соли 2014 ба табъ расидааст, бо таҳлилу муқобала ба таҳқиқ кашидааст. Мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир бошад дар қолабҳои жанрии қасида, ғазал, қитъа, таркиббанду тарҷеъбанд, мусаммат ва рубоӣ ифода шуда, ба муҳити адабии замони Салҷуқиён ва вазъи дарбор ҳамчунин мавзуъҳои ишқ, тасвири табиат, тавҳид ва ғайра, ки ба ҳолати рӯҳии шоир вобастагӣ дорад, иртибот дорад. Дар зерфасли “***Анвои адабии таркиби девони шоир ва мухтассоти онҳо***” муаллифи диссертатсия асосан ба қасидаҳо, рубоиёт, ғазалиёт, муқаттаот ва навъҳои дигари адабӣ таваққуф намуда, теъдоди қасидаҳои шоирро аз 466 (268 адади онро қасидаҳои комил ва 198 ададро қасидаҳои муқтазаб) иборат дониста, зикр мекунад, ки дар баробари салотини Салҷуқӣ султонҳои Ғазнавӣ, Қарахонӣ ва дигар султонҳо низ васф шудаанд ва ба хулосае расидааст, ки “Ӯ тавонистааст, ки ба ҳайси шоири касбии дарбор консепсияи мадҳро дар қасоидаш таҷассум намуда, инчунин, бо ифодаи назари адабию бадеииаш дар баробари эҷоди қасида ба ҷанбаи эстетикии он аҳаммияти махсус диҳад” (Дисс. саҳ.233). Ҳамзамон диссертант дар девони ашъори шоир ҷой доштани 176 адад рубоӣ ва бо иловаҳо 192 адад будани онро ишора намуда, аз ҷиҳати интихоби мавзуъ, образҳои лирикӣ, интихоб ва муносибати мантиқии вожаҳо, санъатҳои бадеӣ, васфи ҷузъиёт ва ғайра гуногунранг ва ҷолибу ҷаззоб будани онҳоро зикр мекунад. Муиззӣ дар ғазалсароӣ низ шоири сароянадаи ишқ, сидқу вафои ошиқ, ҳаҷр, ҷабру ҷафои маъшуқа, май ва майгусорӣ ва ҳамзамон, ишқ дар омезиш бо мадҳи мамдуҳу ситоиши маъшуқа ва амсоли онҳо маҳсуб меёфтааст. Аз Муиззӣ то ба мо 2 қитъа омада расидааст, ки “аз ҷиҳати баёноти равшан ва фаҳмо шеъри асри X, махсусан услуби Рӯдакиро ба хотир меоранд ва аз ҷиҳати мазмун хеле пуртаъсир буда, зуд дар дили хонанда ҷой мегиранд” (Дисс.саҳ.242). Диссертант инчунин дар зерфасли ***Анвои дигари адабӣ*** аз мавҷудияти таркиббанд (3 адад-319 байт), тарҷеъбанд (3 адад-248 байт), мусаммат (1 адад-60 байт) маълумот дода, то андозае онҳоро ба хонанда шарҳу маънидод кардааст. Дар охир хулосаҳои худро оид ба натиҷагирии боби дуюм дар 18 банд ҷамъбаст намуда, ба хулосае расидааст, ки “Амир

Муиззии Нишопурӣ ба сифати амирушшуарои дарбори Салҷуқиён бештар ба мадҳи салотини Салҷуқӣ ва риҷоли машҳури дарбори онон пардохта, аз худ ашъори мадҳии қобили мулоҳизае ба мерос гузоштааст” (Дисс. саҳ.253).

***Боби сеюм – «Таҳқиқ ва нашри девони Амир Муиззӣ»*** унвон дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст. Фасли аввали он “***Девони ашъори Муиззӣ ва нусхаҳои дастнависи он дар китобхонаҳои ҷаҳон”***номгузорӣ шуда, асосан дар бораи 136 нусхаи феҳрасти Мустафо Дароятӣ, ки бо номи “Феҳристгони нусхаҳои хаттии Эрон” дар 35 китобхона ва анҷуману фарҳангҳои Эрон маҳфузанд, сухан меравад. Аз муҳтавои ин фасл бармеояд, ки унвонҷӯй новобаста аз комилию ноқисӣ девони шоир дар баробари нусхаҳои хаттӣ нусхаҳои аксии онро ҷой дода, онҳоро ба таври хеле мухтасар муаррифӣ мекунад. Ба қавли диссертант аз нусхаҳои қадимтарини ашъори “Муиззӣ дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, таҳти шумораи 170/8-ф дар феҳристи филмҳои Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад, ки таърихи китобати он 544 қ. мебошад”. Ҳамчунин маълумотҳои муаллифи диссертасия оид ба муҳаққиқи турк Гётмен Гётҳан оид ба 14 нусхаи девони Амир Муиззӣ дар китобхонаҳои Эрон ва чор нусхаи дигар дар Туркия, ки дар рисолаи “Дунёи шеъри Муиззӣ”, маълумотҳои Ҳ.Эте, М.Муин, Чарлз Рё, М. Шпренгер, В.Ивано, З.Н.Ворожейкина, маҷмуаи дастхатҳои АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, фонди дастнависҳои тоҷикӣ-форсии Китобхонаи миллии Тоҷикистон қобили таваҷҷӯҳ буда, аз ворид будани унвонҷӯй ба мавзуъ гувоҳӣ медиҳад. Дар фасли дуюми “***Чоп ва нашри девони Муиззӣ” унвон гирифтааст,*** ба панҷ нашри девони Мӯиззӣ, ки дар Эрон сурат гирифтааст, бахшида мешавад. Дар ин самт ба хулосаи муаллиф “то имрӯз чопи илмӣ-интиқодии комилан саҳеҳи девони шоир ба миён наомадааст. Муаллифони нашрҳои панҷгона дар муаррифии ашъори Муиззӣ саҳми лозима гузошта бошанд ҳам, аз норасоиҳои имлоӣ, услубӣ орӣ нестанд. Аммо, хушбахтона, чопҳои мавҷуд заминаи мусоидеро барои анҷоми чопи илмӣ-интиқодӣ фароҳам овардаанд, ки анҷоми он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи илми матншиносонии муосир маҳсуб мешавад” (Дисс.саҳ.285) то андозае розӣ шудан мумкин аст.

Боби чоруми диссертатсия ***“Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ”*** унвон дошта, аз ду фаслу се зерфасл фароҳам омадааст. Диссертант дар фасли аввал, ки “***Вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён”*** номгузорӣ шудааст, сарчашмаи пайдоиши мадҳ ё худ ситоишро ба замонҳои пеш мансуб дониста, яке аз қадимтарин сарчащмаҳо оид ба ин масъаларо “Таърихи Систон” мешуморад ва “андак –андак яке аз мавзуъҳои аслӣ ва муҳимму густардаи каломи манзуми форсӣ гардид”. Дар замони Сомониён он мавқеи густурда пайдо карда, ба худ рангу бӯи тозае гирифт. Дар асри

Ғазнавиён бошад шеъри мадҳӣ тавассути қасоиди Фаррухию Унсурӣ ба ҳадди камол расид ва ин боси он гардид, ки шоирони асри Салчуқӣ маҷбур буданд, ки дар васфи мамдуҳ мазмунҳое биофаранд, ки шоистаи таҳсин бошанд. Аз ҳамин дидгоҳ муаллифи рисола ба вижагӣ ва фазилатҳои шеъри ин давра, ки аз бадеҳатан шеър гуфтани шоирон, муболиғапардозии шоирон, вобастагону атрофиёни ӯро мадҳ кардан ва дар ин аҳд шумораи қасидаҳои сирф мадҳӣ тадриҷан хеле афзоиш меёбад, баҳогузорӣ намуда, ба натиҷае расидааст, ки "Мавзуи асосии ашъори Муиззӣ, аслан, ситоиши шахсияти султон ва салтанати ӯ мебошад. Аз ин рӯ, дар саргаҳи мамдуҳони шоир, пеш аз ҳама, султон Маликшоҳ қарор дорад. Амир Муиззӣ ба султон Маликшоҳ қасидаҳои зиёде бахшида ва дар ин қасоид бо истифода аз тамоми маҳорати шоирӣ ва тахайюли эҷодии худ Маликшоҳро мавриди ситоиш қарор додааст" (Дисс.саҳ. 299-300).

Дар фасли "***Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ***" бошад, дар ашъори Муиззӣ асосан Маликшоҳ ва Султон Санҷар бо дар назар гирифтани нишонаҳои давлатдорӣ, унвон ва тахаллусҳои ифтихорӣ ситоиш карда шудаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Истифодаи санъатҳои бадеӣ аз нигоҳи шаклу маънӣ сухани шоирро муассиру зебо мекунад. Дар осори Муиззӣ мо ба санъатҳои маънавии ташбеҳ, талмеҳ, истиора, муболиға ва амсоли ин вомехӯрем, ки аз маҳорати суханварии адиб гувоҳӣ медиҳад. Дар зерфаслҳои муболиға, иғроқ ва ғулув аз маҳорат ва моҳирона истифода бурдани ин санъатҳо сухан рафта, "корбурди санъати муболиға дар қасоиди Муизӣ бештар дар мавриди ситоиши мамдуҳ, бахусус, ҳангоми баёни сифатҳои ӯ мушоҳида мешавад" (Дисс.саҳ.313). Иғроқ бошад аз пуркорбурдтарин сувари хаёл дар шеъри мадҳӣ ба ҳисоб рафта, на дуруғу фиребкорӣ, балки "арзиши афзуда бар калому шӯрангезии шоирона аст".

***Зерфаслҳои фасли дуюми боби чорум***, ки ***«Ташбеҳ» ва "Истиора"*** номгузорӣ шудааст, аз ҷумлаи мавзуъ ва масъалаҳое мебошанд, ки ба анвоҳои ташбеҳ ва истиора тобеият доранд. Аз ин рӯ, аз шарҳи бештари ин масъала худдорӣ карда, танҳо ҳамин нуктаро зикр мекунем, ки балоғату фасоҳати каломи шоир ба корбурди дурусту ҳунармандонаи санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ низ бевосита алоқаманд мебошанд. Воқеан, ашъори Амир Муиззӣ бадеияти баланд дошта, хусусияти бадеӣ ва забону сабки баёни шоир ниёз ба таҳқиқи густардатар доранд.

Дар ин фасл дар тақвияти фикр мисолҳое манзур гардидаанд, ки аз дониши хуб доштан ва моҳияти каломи ҳунариро шинохта тавонистани диссертант гувоҳӣ медиҳанд. Ба андешаи ӯ, «барои таъйини масъалаи дараҷаи ҳунари шоирии Муиззӣ дар корбурди санъатҳои бадеӣ, қабл аз ҳама, таваҷҷуҳ

ба шеваи ҳунарии ӯ муҳим аст. Амир Муиззӣ бо истифода аз саноеи бадеӣ, ки намунаҳои он ироа гардид, дар ашъораш ҷанбаҳои ҳунарии каломро тақвият бахшида, барои баёни мазмунҳои баланди шеърӣ аз воситаҳои гуногуни баёнию балоғӣ ба таври фаровон истифода карда ва дар ин ҷода, дар муқоиса бо дигар шоирон, мақому манзалати хосса дорад. Шоир барои таъсирбахшии андешаи хеш бо корбурди санъатҳои мазкур зебоӣ ва хушоҳангии каломашро низ таъмин кардааст" (Дисс.саҳ.342).

***Хулосаи диссертатсияи*** Ҳайдаров Фахриддин Наботович фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 25 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, унвони баъзе фаслу бобҳои диссертатсия таҷдиди назар мехоҳанд. Масалан, фасли сеюми боби аввал ба фасли дуюм муттаҳид мешуд, унвони фасл мушаххас мешуд.

2. Ҳамчунин фаслҳои 2.2.2., 2.2.3., ба фасли 2.2.1. муттаҳид мешуд, ба мақсад мувофиқ буд, дар баробари ин фаслҳои 2.2.4. –Ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ ва 2.2.5-Робитаи ҳамзамонон бо Муиззӣ ҳамчун фаслҳи алоҳида пешниҳод мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.

3. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки 21 бандро фаро гирифтааст, бисёр ботафсил шарҳу тафсир ёфтааст. Он бояд ихчам, бо ҷумлаҳои кутоҳ нуктаҳои пешниҳодщударо инъикос карда тавонад.

4. Ба андешаи мо такрор модари дониш дуруст аст, вале ду бор такрор шудани "Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ", (дисс.саҳ.24) ва "Аҳамияти амалии таҳқиқ" (дис. Саҳ.25) дар ин ҷо зарурате надорад.

5. Боби аввали диссертатсия –"Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ" унвон дорад, хеле кашол ёфтааст. Он бояд дар ду зерфасл тамоми нуктаҳои муҳимми ба зиндагиномаи шоир дахлдоштаро фаро мегирифт, хуб буд.

6. Боби чоруми диссертатсия "Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ" ниёз ба таҳлили жарфро тақозо дошт. Дар ин ҷо оид ба вазн, қофия, радиф ва дигар унсурҳои шеъру қасоиди Муиззӣ андешаҳо баён меёфтанд, ба мақсад мувофиқ буд.

7. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва авторефарат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ва гуногуннависӣ мушоҳида мешаванд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашрқ таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII» ба талаботи бандҳои 32, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

***Муқаррizi расмӣ:***
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Худойдодов А.О.
«30» сентябри соли 2025.

Суроға: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Х. Мирзоев 1, гузаргоҳи 3
Тел.: (+992) 988253300
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

Имзои профессор А. Худойдодовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Телефон: (+992-37) 224-13-83;
E-mail: info@tgpu.tj
«30» сентябри соли 2025.